**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Омӯзиши хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ, махсусан дар муассисаҳои таълимӣ, дорои аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ мебошад. Таҳқиқи таърихи пайдоиш, моҳият ва рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ ба арзишҳои миллӣ ва фарҳанги умумӣ мусоидат менамояд. Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ нақши хоса дорад.

Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар кори таҳқиқотии худ ба масъалаи рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ таваҷҷуҳ намуда, баланд бардории дониш, маҳорат ва малакаи наврасону ҷавононро пажӯҳиш намудааст. Муҳаққиқ дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ», кори таҳқиқотӣ гузаронида, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст.

Дар ин асос мақсади таҳқиқотро муайян намудааст, ки асоси таҳқиқоти мазкур таҳқиқ ва муайян намудани хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ дар муассаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва миёнаи умумӣ ба шумор меравад.

Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву методиро истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро дар раванди истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, 5 фасл, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ замимаҳо ва феҳристи адабиёти мавриди таҳқиқ иборат аст.

Дар муқаддима зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидаанд. Инчунин, маълумот дар бораи марҳилаҳои таҳқиқот, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои он оварда шуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот мушаххас гардида, сохтору ҳаҷми рисола нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Заминаҳои назариявии ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» буда, масъалаҳои ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогии ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ, бархӯрдҳои назариявӣ нисбати таъйиноти мафҳуми «фарҳанги интернет» мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Боби дуюми диссертатсия - «Асоснокии таҷрибавию озмоишии самаранокии ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» самаранокии фарҳанги ҷавононро дар асоси таҷрибаю озмоишҳо пешниҳод намудааст. Дар боби мазкур масъалаҳои шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ, ташкили корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ баррасӣ шуда, натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ ҷамъбаст мегардад.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши мушкилотии рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ бори аввал аз нуқтаи назари педагогӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар шароити зудтағйирёбандаи фазои иттилоотӣ на танҳо мутобиқ шудан ба технологияҳои нав, балки қобилияти ба таври пурмазмун ворид кардани онҳо ба раванди таълим муҳим аст. Дар доираи кор муаллиф равишҳои методологиро, ки ба рушди тафаккури интиқодӣ ва саводнокии рақамӣ дар омӯзгорон мусоидат мекунанд, таҳқиқ мекунад. Ин ба муаллимони оянда имкон медиҳад, ки на танҳо маълумотро истеъмол кунанд, балки мундариҷаи босифатро эҷод кунанд, дар ҳоле ки фарҳанги интернетии мувофиқро ташаккул диҳанд.

Бояд гуфт, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба тарбияи ҳисси ватандӯстӣ банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ кор карда шудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи усулҳои таълими
математика ва геометрияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Курбанов Сулейман Раҷабекович

Тел: (+992) 933-32-4040, kurbonsulajmon@mail.ru
Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, E-mail: info@tnu.tj

Имзои Курбанов Сулейман Раҷабековичро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.